Сафар ба ноҳияи Н.Хисрав бо Раиси ноҳия ва роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия ва мудири бахшӣ сармоягузорӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия вохӯрӣ намудем.

Дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Н.Хисрав роҳбари хоҷагии деҳқонон аз ҷумла чор ҷамоати минтақаи ноҳияи Н.Хисрав ва соҳибкорони инфиродӣ семинари муаррифи оид ба лоиҳаи "Беҳтар намудани идоракунии заҳираҳои об дар вилояти Хатлон" ва корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба усулҳои маблағгузории исломӣ гузаронида шуд. Дар семинари мазкур 30 нафар иштирок намудаанд, ки аз онҳо 5 нафарашон занон буд. Семинари мазкур бо суханҳои ифтитоҳии Раиси ноҳияи Н.Хисрав оғоз гардид. Мутахасисони лоиҳа ба иштирокчиени семинар муаррифи гардидаанд, ва сухан ба Маҳмадиев Илҳом дода шуд, ҳамоҳангсози лоиҳа дар бораи лоиҳаи "Беҳтар намудани идоракунии заҳираҳои об дар вилояти Хатлон" ва маълумотӣ мухтасар оид ба қисматҳои (компонентоҳои) лоиҳа маълумот дод.





Баъд сухан ба Ҳоҷиева М., муттахассис оид ба қарз дода шуда, бо роҳбарони хоҷагии деҳқонон ва раисиони маҳаллии хоҷагии Мирзобод, Сунатулло, Бешкент, Чашма худро муаррифи намуда дар бораи мушкилоти хоҷагиҳои маҳаллӣ оид ба таъмини об арзу сипос намуданд.

Сухани навбатӣ ба Мирақилов Х., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ дода шуда дар бораи аҳдҳои Музораба, Муробаҳа, Мушорака, Салам ва Саламӣ мувозӣ, Иҷора ва Иҷораи мутаҳия битамлик ба ҳозирин маълумот дод. Дар доираи лоиҳаи "Беҳтар намудани идоракунии заҳираҳои об дар вилояти Хатлон" ва мувофиқи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон " дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ки аз соли 2014 қабул гардидааст, аз ҷониби бонкҳои исломӣ, равзанаҳои бонкии исломӣ, ширкатҳои лизинги (мувофиқи стандартҳои бонкии исломӣ) кору фаъолият мекунанд ва ба мардум

хизматрасонии молиявиро мерасонанд. Дар рафти семинар иштирокчиён фаъолона иштирок намуда ва чунин саволҳо дода шуд:

Умаров А., аз кормандони лоиҳа пурсон шудан, ки ба кадом усулҳои бонкии исломӣ таҷҳизотӣ хоҷагии қишлоқ харидори ё ба иҷора гирифта мешавад ?

- Ба саволи Умаров А., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ чунин посух доданд: агар пурра харидани (яъне нияти соҳиби мулк бошед) бо тариқи Мурабаҳа маблағгузори карда мешавад, агар иҷора гирифтани бошед бо тариқи/аҳди Иҷора аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ хизматрасони ва маблағгузори карда мешавад. Аммо қайд кардан лозим аст, ки пеш аз розиги додан ба мизоҷ ба ҳар ҳол таҳлил аз ҷониби кормандони бонк ва ТАКХ (равзанаҳои бонкии исломӣ) гузаронида мешавад.
- Пиримов А., чунин савол доданд: Дар ҳолати гирифтани қарз аз лоиҳа фоизҳои он нисбат ба бонкҳои анъанавӣ паст аст ё баланд?
  Ба саволи Пиримов А., муттахассис оид ба қарз Ҳоҷиева М. чунин посух доданд: Фоизи солонаи маблағгузорӣ аз бонки Исломӣ ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунад аз 18 то 24%-ро ташкил медиҳад, вале ин фоиз нест, ҳаққи изофапулӣ мебошад, карз аз ҷониби Лоиҳа ба аҳолӣ дода намешавад, аз ташкилотҳои қарзии исломӣ дода мешавад. Мирокилов Х. илова кардан, паст будани ҳаққи изофапули нисбат ба бонкҳои ананви таҳлил карда мешавад ва умедвор ҳастем оянда ба шумо такшиклотҳои қарзии исломи пешниҳод меномоянд, албатта мо кушиш мекунем, ки чунин маблағгузорӣ дастрас бошад ва хаққи изофапули ва хизматрасони пастар бошад.



Қаюмов Т., раиси маҳаллаи Бешкент чунин савол додан, ки  ба мо ки бояд бизнес план омода кунад мо ё бонк? Ба саволи Қаюмов Т., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ чунин посух доданд:  Дар аксар ҳолатҳо мизоҷ бояд таёр кунад, аммо агар ташкилотӣ қарзии исломӣ чунин хизматрасонӣ дошта бошад дар тарофаи ташкилоти қарзии исломӣ бояд дошта бошад.

Юсупов Абдуразоқ раиси маҳаллаи деҳаи Чашма савол доданд, ки агар насосҳои обкаши монему об набарояд чи кор бояд кард? ҳамаи хароҷотҳое, ки кардем ба зимаӣ ки меравад? ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ чунин посух доданд: пеш аз маблағгузорӣ кардан ташкилоти қарзии исломӣ, аз ҷихатӣ намудҳоӣ ҳавфҳо меомӯзад, масалан дар ҳолатӣ агар аз чоҳ бо насос об набарояд ё ҳолати садамави руӣ диҳад, пешакӣ қайд карда мешавад, кадом дараҷаи ҳавф аст ва чӣ кор бояд кард. Ин масьала ҳолат ба ҳолат мебошад ва ҳар як ташкилоти қарзӣ тартиби таҳлилӣ ва сиёсати дохилии худ дорад.






- Маблағҳои қарзӣ аз чониби кадом бонкҳо дода мешавад?

Ба саволи иштирокчи Маҳмадиев И., чунин посух дод: Ташкилотҳои карзии исломӣ (Бонкҳо, ТАКХ ва ғайра), ки аз  ҷониби Бонки милли Тоҷикистон иҷозатномаи барои фаъолиятӣ бонкии исломӣ дода шудааст.

- Инчунин иштирокчиён пурсон шуданд:

Маблағҳои қарзӣ бо асъори миллӣ дода мешавад оё бо асъори хориҷӣ?

Ба саволи иштирокчи Ҳоҷиева М., чунин посух дод:

Маблағгузорӣ бо асъори миллӣ – сомонӣ, дода мешавад, яъне аз хавфи асъори деҳқонон ва соҳибкорон озод мебошанд.

Қобили қайд аст, ки семинарҳои шиносоӣ дар ноҳияи Н.Хусрав самаранок гузаронида шуда ва аз ҷониби мутахассисони лоиҳа маълумоти муфассал дар бораи лоиҳа ба иштирокчиёни семинар расонида шуд.